Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27. 02. 2016, №3/3
тасдиқ карда шудааст

Тартиб
ва меъёри истифодаи ангишту ҳезум дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**1. Муқаррароти умумӣ**

- тартиби мазкур меъёри истифодаи ангишту ҳезум, захираи маводи сӯхт дар давраи тирамоҳу зимистон, самаранок ва тартиби истифодаи оқилонаи сӯзишорӣ, давраи аловмонӣ, мӯҳлати зимистогузаронӣ, меъёри истифодаи ангишт дар як печи аловӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба омодагӣ ба зимистонгузаронӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумиро новобаста аз шакли моликияташон (минбаъд муассисаҳои таълимӣ) муқаррар менамояд;
- саривақт таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ бо ангишт ва ҳезум ба фаъолияти бонизому самаранокии раванди таълиму тарбия мусоидат менамояд.

**2. Мӯҳлати нақшавии давраи тирамоҳу зимистон, аловмонӣ ва самаранок истифода бурдани маводи сӯзишворӣ дар муассисаҳои таълимӣ**

- мӯҳлати нақшавии мавсими тирамоҳу зимистон дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ва синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҳамасола аз 01 ноябр то 15 март ва дар синфҳои 5-11 муассисаҳои мазкур (ба истиснои ноҳияи Мурғоби ВМКБ) ҳамасола аз 15 ноябр то 15 март муқаррар карда шавад;
- дар зинаи таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумии ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 15 сентябр то 15 май муайян карда шавад;
- дар сурати аз давраи муайянгардида зиёд шудани рӯзҳои сардӣ муассисаҳои таълимӣ метавонанд аз ҳисоби маводи сӯзишвории захиравӣ истифода намоянд;
- гармкунии муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ аз соати $07^{30}$ субҳ оғоз гардида, гармии он то соати $17^{00}$ мунтазам нигоҳ дошта мешавад;
- аловмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар ду баст) рӯзе се маротиба, аз ҷумла соатҳои $07^{00}$ то $07^{50}$, $10^{30}$ то $11^{00}$ ва $14^{30}$ то $15^{00}$ муқаррар карда шавад;
- аловмонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (дар як баст) рӯзе ду маротиба, аз ҷумла соатҳои $07^{00}$ то $07^{50}$, $10^{30}$ то $11^{00}$ муқаррар карда шавад;
- дар муассисаҳое, ки аз системаи гармидиҳии мутаммарказ истифода мебаранд, гармии синфхонаҳо ба таври шабонарӯзӣ дар мӯҳлати

муқарраргардидаи мавсими тирамоҳу зимистон муътадил нигоҳ дошта мешавад;

- масъули аловмонӣ дар муассисаҳои таълимӣ тибқи тартиби муқарраргардида таъин карда мешавад. Масъули аловмониро аз ҳисоби хонандагон таъин намудан манъ аст;

- давраи таътили зимистона ба рӯзҳои аловмонии давраи тирамоҳу зимистон дохил карда намешавад ба шарте, ки дар баъзе синфхонаҳо дарсҳои иловагӣ ташкил нашуда бошад;

- пеш аз таътили зимистона ва ё зиёда аз 4 рӯз фаъолият накардани муассисаҳои таълимӣ (дар ҳолатҳои рух додани ҳолатҳои фавқулодда, сӯхтор, карантин) дар давраи тирамоҳу зимистон аз ҷониби Ситоди зимистонгузаронии муассисаҳои таълимӣ, ё комиссияи махсус таъсисдодашуда миқдори мавҷудбудаи ангишту ҳезум бо тартиб додани санад муайян карда шуда, дар ҳузури онҳо дари анборхона маҳкам ва бо муҳри муассиса тасдиқ карда мешавад. Ҳангоми ба фаъолият оғоз намудани муассисаҳои таълимӣ дари анборхонаҳои ангишту ҳезум дар ҳузури ҳайати Ситод ва ё комиссия кушода шуда, аз натиҷааш санад тартиб дода мешавад;

- ҳангоми ба охир расидани давраи тирамоҳу зимистон аз ҷониби ҳайати Ситоди зимистонгузаронии муассисаҳои таълимӣ бақияи ангишту ҳезум муайян карда шуда, тибқи санади дахлдори ҳайати Ситод бақияи он ба мавсими тирамоҳу зимистони солҳои минбаъда пешниҳод карда мешавад;

- дар сурати аз солҳои пешин зиёд бақия мондани ангишту ҳезум ва ба эҳтиёҷоти мавсими нави тирамоҳу зимистон басанда будани он, муассисаҳои таълимӣ метавонанд маблағҳои дар ин самт пешбинигардидаро барои харидорӣ намудани мизу курсӣ, таҷҳизоти кабинетҳои лабораторӣ ва ё дигар таҷҳизоти таълимӣ истифода намоянд.

### 3. Тартиби захира ва нигоҳдории маводи сӯхт дар муассисаҳои таълимӣ

- давраи захиракунии ангишту ҳезум дар муассисаҳои таълимӣ аз моҳи апрел оғоз гардида, то 1 октябр ба анҷом расонида мешавад;

- муҳлати захиракунии ангишту ҳезум дар муассисаҳои таълимиро Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар якҷоягӣ бо раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо муайян намояд;

- ангиште, ки барои муассисаҳои таълимӣ харидорӣ мешавад, бояд пеш аз ҳама сифати хуб дошта бошад. Сифати ангишт аз санҷиши масъулони соҳаи маориф ва роҳбарони муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳо гузаронида шуда, баъд аз он дастарси муассисаҳои таълимӣ гардонида мешавад (сифати ангишт метавонад баъди озмоиш дар печҳои markaz аловӣ муайян карда шавад);

- қабул намудани ангишту ҳезум дар муассисаҳои таълимиро дар доираи талаботи қонунгузории амалкунанда, ҳамчунин тибқи бовариномаи муассисаҳои таълимӣ ва борхати молрасон ба роҳ мондан шарт аст. Нусхаи ҳуҷҷатҳои мазкур дар муассисаҳои таълимӣ нигоҳ дошта мешавад;

- масъулини муассисаҳои таълимӣ ухдадор мебошанд, ки пеш аз қабули ангишту ҳезум аввал борхати онро талаб намоянд, ҳамчунин аз рӯйи он вазни ангишт ва ҳаҷми ҳезумро дақиқ намуда, баъд аз он қабул намоянд;

- ангишту ҳезум танҳо дар анборхонаҳои муассисаҳои таълимӣ ҷойгир карда шуда, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва дар зери барфу борон нигоҳ доштани он манъ аст;

**4. Меъёри хароҷоти маводи сӯхт дар муассисаҳои таълимӣ**

- муайян намудани талабот ва меъёри хароҷоти маводи сӯхт дар муассисаҳои таълимии минтақаҳои баландкӯҳ, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои минтақаи Рашт, Роғун, Файзобод, Варзоб, Ховалинг, Ш. Шоҳин, Балҷувон, Муъминобод, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Айнӣ ба сари ҳар печи аловӣ дар як баст 10 килограмм ангишт ва дар ду баст 17 килограмм муққаррар карда шавад;

- дар муассисаҳои таълимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мутаносибан аз рӯи 12-18 килограмм ангишт ва дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, Ваҳдат, Турсунзода, Шаҳринав, Рӯдакӣ, Ҳисор аз рӯи 8-12 киллограмм ангишт муқаррар карда шавад;

- меъёри хароҷоти ангишт аз рӯйи як печи аловӣ (дар як рӯз) муқаррар карда мешавад;

- меъёри хароҷоти ангишт дар муассисаҳои таълимие, ки бо системаи гармидиҳии мутаммарказ бо истифода аз ангишт гарм карда мешаванд, аз рӯйи талаботи якрӯзаашон ва муҳлати рӯзҳои зимистонгузаронӣ, ки дар тартиби мазкур муқаррар гардидааст, муайян карда мешавад;

- хароҷоти якрӯзаи ангишту ҳезум дар муассисисаҳои таълимии дорои системаи гармидиҳии мутаммарказбуда аз рӯйи ҳаҷмашон метованад гуногун бошад;

- меъёри хароҷоти ҳезум дар муассисаҳои таълимӣ ба ҳар тонна ангишти истифодамешуда ба ҳисоби миёна аз рӯйи 1м$^3$ муайян карда шавад.

**5. Риояи ҳолати қоидаҳои аз сӯхтор дар мавсими тирамоҳу зимистон**

- дар зери печҳои оловӣ гузоштани тунукаҳои ғафсиаш на кам аз 0,6 мм. ҳатмӣ мебошад;

- ҳангоми насби печҳои аловӣ аз ҷониби ҳайати Ситоди зимистонгузаронии муассисаҳои таълимӣ ё комиссияи махсус таъсисдодашуда ҳолати насби дудбароҳо аз назар гузаронида мешавад;

- таъмин будани муассисаҳои таълимӣ дар навбати аввал бо олотҳои аввалиндараҷаи зидди сӯхтор ва сипарҳои оташнишонӣ шарт мебошад;

- тартиб додани дастурамал оид ба риоя намудани талаботи қоидаҳои бехатарӣ аз сӯхтор зарур мебошад;

- муассисаҳои таълимӣ бояд бо аломатҳои бехатарии зидди сӯхтор таъмин карда шаванд;

- нақшаи баровардани таълимгирандагон ва омӯзгорон ҳангоми сар задани сӯхтор тартиб дода, дар ҷойҳои намоён овезон карда мешаванд;

- пеш аз оғози мавсими тирамоҳу зимистон санҷиши ноқилҳои барқӣ гузаронида шуда, санади лозима тартиб дода мешавад;

- дар муассисаҳои таълимӣ ва хобгоҳҳои мактаб-интернатҳо истифода бурдани асбобҳои барқии ғайристандартӣ манъ аст;

- болопӯши биноҳои муассисаҳои таълимӣ бояд бо маҳлули махсуси аз оташ тобоваранда коркард карда шавад;

- ба кормандон ва хонандагони муассисаҳои таълимӣ мунтазам корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида мешавад;

- дар сипарҳои барқии муассисаҳои таълимӣ насб кардани ҳимоякунакҳои ғайристандартӣ манъ аст, инчунин қуттиҳои барқтақсимкунак бо сарпуши махсус маҳкам карда мешаванд;

- ҷумакҳои оташнишонии дохили бино бояд бо дастаку милҳои оташнишони таҷҳизонида шуда, озмоиши коршоямии онҳо гузаронида шавад.

- ҳавз ва зарфҳои махсуси обгирии муассисаҳои таълимӣ бояд ба таври доимӣ бо об таъмин бошанд;

- дар нуқтаҳои хӯроки умумии дохили биноҳо ва хобгоҳҳо истифода бурдани баллонҳои гази моеъ қатъиян манъ карда мешавад;

- роҳҳои мошингарди атроф ва дохили муассисаҳои таълимӣ бояд ба таври доимӣ аз монеаҳо озод бошад;

- барои ба таври мутаммарказ қатъ намудани қувваи барқ дар шабакаи барқии бинову иншоот таҷҳизоти махсуси барқхомӯшкунии умумӣ (рубильник) насб карда шавад;

- моддаҳо ва масолеҳи тез оташгиранда бояд дар ҳуҷраҳои махсус муҷаҳазгардонидашуда ҷойгир карда шаванд;

- шумораи телефони мақомоти сӯхторнишонӣ дар ҷойҳои намоён насб карда шуда, истифодабарии он ба хонандагону кормандон фаҳмонида шавад.